# 7 Сиёсат ва тадбирҳо

## 7.1. АФЗАЛИЯТҲОИ СИЁСАТИ ҲИФЗИ ТАБИАТ

Афзалиятҳои сиёсати давлатии ҳифзи табиат, чи тавре ки дар «Стратегияи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» муайян шудааст, барои ҳалли масъалаҳои асосии зерин равона шудаанд:

деградатсияи хок;

олудагии объектҳои обӣ;

олудагии ҳавои атмосфера;

талафшавии гуногунии биологӣ;

идоракунии партобҳо.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳамиятноки масъалаҳои глобалии экологӣ ва алоқаи зичи онҳо бо шароити маҳаллӣ ва вазъияти муҳити зистро ба инобат гирифта ба як силсила созишномаҳои муҳими байналмилалӣ пайваста ва онҳоро ба тасвиб расонидааст, ки онҳо мебошанд:

Конвенсияи Вена оид ба ҳифзи қабати озон (соли 1996);

Протоколи Монреал оид ба моддаҳои вайронкунандаи қабати озон ва ислоҳоти Лондонӣ ба он (соли 1997);

Конвенсияи СММ доир ба гуногунии биологӣ (соли 1997);

Конвенсияи СММ оид ба мубориза бо биёбоншавӣ (соли 1997);

Конвенсияи Меъёрии СММ доир ба тағйирёбии иқлим (соли 1998);

Конвенсия Ромсар оид ба заминҳои обӣ-ботлоқии дорои аҳамияти байналмилалӣ (соли 2000);

Конвенсияи ҳифзи намудҳои кӯчии ҳайвоноти ваҳшӣ ( соли 2000);

Конвенсияи Орхус доир ба дастрасӣ ба иттилоот, иштироки аҳли ҷамъият дар раванди қабули қарорҳо ва дастрасӣ ба адолат дар мавриди тамоми масъалаҳои вобаста ба муҳити зист (соли 2001).

## 7.2. МЕХАНИЗМҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ

Яке аз механизмҳои асосии коҳиши партобҳо, баҳисобгирӣ ва назорати газҳои парникӣ заминаҳои пешрафтаи меъёрию ҳуқуқӣ ба шумор меравад.

Бо мақсади ҳифзи сарватҳои табиӣ ва муҳити зист, истифодаи оқилона ва барқароркунии захираҳои табиӣ, пешгирии таъсири зарарноки фаъолияти антропогенӣ ва бехтарсозии сифати муҳити табиӣ дар соли 1994 Қонун «Дар бораи ҳифзи табиат» қабул карда шудааст.. Ташкили системаи назорат ва баҳисобгирии истифодаи захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити табиӣ, аз ҷумла атмосфера, тавассути ин қонун танзим мегардад.

Тибқи моддаи 15 ин қонун мақомоти давлатии ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо мақомоти омори давлатӣ баҳисобгирии миқдору сифати захираҳои табиӣ ва ҳолати муҳити зистро анҷом медиҳад.

Мутобиқи моддаи 18 ин қонун мақомоти махсуси ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист лимити истифодабарии табиат, партобҳои моддаҳои заранок ва ҳавову об ва ҷойгиркунии партобҳоро муайян мекунад.

Моддаи 25 ин қонун меъёрҳои ҳадди ниҳоии партофтани моддаҳои зарарнок ба ҳавову обро танзим менамояд.

Моддаи 30 ин қонун стандартҳо ва талаботи экологии таъминкунандаи риояи меъёрҳои ҳадди ниҳоии таъсиррасонии технологияҳои мавҷуда ва навро ба муҳити зист муқаррар менамояд.

Экспертизаи давлатии экологӣ, мутобиқи моддаи 33 ин қонун, барои ҳифзи муҳити табиӣ тадбири лозимӣ ба шумор меравад. Экспертиза бо мақсади муайян кардани асоснокӣ ва мутобиқати фаъолияти иқтисодии пешбинишуда бо талаботи сифати муҳити табиӣ ва қонунҳои ҳифзи табиат анҷом дода мешавад.

Моддаи 46 ин қонун нисбат ба объектҳои энергетикӣ ва аз ҷумла нисбат ба поксозии технологии пароканишу партоби зарарноки моддаҳои зарарнок ба муҳити табиӣ талаботи экологиро танзим мекунад.

Тибқи моддаи 52 ин қонун, бо мақсади ҳифзи муҳити табиӣ аз партобҳо, ҳамаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вазифадоранд, барои риояи меъёрҳои ташкил, коркард ва анборкунии партобҳои истеҳсолию маишӣ тадбирҳои самаранок андешанд.

Ҳифозати иқлим тавассути моддаи 53 ин қонун танзим мегардад, мувофиқи талаботи ин модда ташкили мушоҳидаи тағйирёбии иқлим, муқаррар ва риоя намудани меъёрҳои ҳадди ниҳоии пароканишу партоби моддаҳои зарарноки ба вазъияти иқлимӣ таъсиркунанда ва ҳамчунин таҳияи барномаҳои экологии дарозмуддати пешбиникунандаи коҳиши партобҳои газҳои парникӣ лозим ва зарур аст.

Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ба воситаи моддаи 88 ин қонун танзим мегардад.

<u>Санадҳои қонунгузорие, ки аз ҷумла талаботи назорат ба меъёрсозӣ ва маҳдудсозии партобҳои зарарнок ба атмосфераро танзим мекунанд:</u>

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосферӣ» (соли 1996);

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» (соли 2000);

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нақлиёт» (соли 2000);

Санадҳои дигари меъёрию ҳуқуқии муайянкунандаи масъулият барои вайрон кардани қонунҳои ҳифзи табиат иборатанд аз: Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳукумати Тоҷикистон дар соли 1993 тартиби муайян кардани пардохт ва ҳачми он барои олудасозии муҳити табиии атроф ва ҷойгиркунонии партовҳоро тасдиқ кардааст. Дар сурати партову пароканиши бештар аз меъёр ва олуда кардани муҳити зист ҷаримаи хисорат дар ҳаҷми 10 баробар ситонда мешавад.

Бо вуҷуди ин, дар қонунҳои марбут ба сохаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва соҳаҳои дигаре, ки таъсири потенсиалӣ ба иқлим доранд, механизмҳои назорати коҳиш ва баҳисобгирии пароканишҳо ва ҷазби газҳои парникии антропогенӣ дар назар гирифта нашудаанд. Бинобар ин лозим аст, ки онҳо бо талаботи Конвенсияи Меъёрӣ ва санадҳову барномаҳои дигари экологии байналмилалӣ, ки кишвари мо онҳоро қабул кардааст, мутобиқ карда шаванд.

## 7.3. СТРАТЕГИЯ ВА БАРНОМАҲО

Дар соли 1996 Барномаи давлатии тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикстон то соли 2000 ва барои давраи то соли 2010 (№ 93 аз 23 феврали соли 1996) аз тарафи ҳукумат тасдиқ шуд.

Бо мақсади истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла нигоҳ доштани сифати оптималии ҳавои атмосфера Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1997 Барноми давлатии экологӣ барои давраи солҳои 1998-2008-ро қабул кард (№ 344 аз 4 августи соли 1997).

Дар соли 2000 Ҳукумати Тоҷикистон Барномаи миллии фаъолият оид ба беҳдошти муҳити зистро қабул кард, ки дар иқдомоту тадбирҳои дигар, ҳифозати атмосфера аз таъсири манфии омилҳои антропогенӣ ва ҳифзи саломатии аҳолиро бо назардошти сифати муҳити зист пешбинӣ менамояд (№ 217 аз 10 маи соли 2000).

Ҳукумат дар соли 2001 Барномаи миллии фаъолият оид ба мубориза бо биёбоншавиро қабул кард. Ин Барнома маҷмӯаи тадбирҳоро барои ҳифз ва беҳтарсозии ҳолати захираҳои ҷангалу замин пешбинӣ намудааст, ки ҳамчунин ба ҳалли масъалаи тағйирёбии иқлим аз дидгоҳи ҷазбкунандаҳои табиии карбон мусоидат хоҳад кард (№ 598 аз 30 декабри соли 2001).

Стратегияи миллии ҳифзи қабати озони стратосферӣ ва манъи истифодабарии моддаҳои вайронкунандаи озон таҳия гардидааст. Тадбирҳои ҷудогонаи стратегия, аз ҷумла табдили газҳои пайвастагиҳои галогении карбон, ки ҳам гази вайронкунандаи озон ва ҳам гази парникӣ, ҳоло татбиқ мегардад.

## 7.4. СОХТОРИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати ҳифзи табиат аз ҷиҳати институтсионалӣ мақоми давлатии ваколатдори махсус доир ба истифодаи оқилонаи табиат ва ҳифзи муҳити табиӣ ба шумор меравад.

<u>Вазифаҳои зерин ба ӯҳдаи Вазорати ҳифзи табиат гузошта шудаанд:</u>

амалисозии идоракунии комплексии фаъолиятҳои ҳифзи табиат дар ҷумҳурӣ;

таҳия ва гузаронидани сиёсати ягонаи илмию-техникии ҳифзи табиат аз тарафи вазорату идораҳо;

назорати давлатӣ истифодаву ҳифзи заминҳо, обҳои рӯизаминию зеризаминӣ, ҳавои атмосфера, олами ҳайвоноту наботот ва ҳамчунин канданиҳои фоиданоки пахнгардида;

таҳияи барномаҳои мақсадноки давлатии дарозмуддат барои ҳифзи табиат ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ.

Дар ҳайати вазорат бозрасии махсуси назорати давлатӣ бар ин ҳифзи ҳавои атмосфера мавҷуд аст, ки кори он баҳисобгирии манбаҳои собиту доимии партобҳои моддаҳои зарарнок, таҳияи меъёрҳои ҳадди ниҳоии партобҳо ва назорат бар иҷрои тадбирҳои ҳифзи ҳавои атмосфера мебошад.

Шӯъбаҳои Вазорати ҳифзи табиат усулу дастурамалҳои марбут ба ҳисобу китоби таъсиррасонӣ ба муҳити зист, меъёрҳои сифати муҳити зист, аз ҷумла ҳавои атмосфериро таҳия менамоянд ва ҷамъоварию таҳлил, табъу нашр ва паҳнкунии маълумотҳо дар бораи вазъияти муҳити зистро, аз ҷумла ҳаҷми партобҳои зарарнок ба атмосфера ва вазъи сифати ҳаворо анҷом медиҳанд.

Экспертизаи экологии Вазорати ҳифзи табиат ба тафтиши фаъолиятҳои иқтисодӣ барои муайян намудани мувофиқати онҳо бо қонунҳои ҳифзи табиат ва талаботи сифати муҳити зист машғул аст.

Кумитаҳои ҳифзи табиат дар минтақаҳои кишвар дастуру пешниҳодоти Вазорати ҳифзи табиатро дар бобати назорати манбаҳои олудасозии ҳавои атмосферӣ ва объектҳои дигари таъсиррасонӣ ба муҳити зистро иҷро менамоянд.

Сарраёсати обуҳавошиносӣ ва назорат ба муҳити табиии Вазорати ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикстон ҳамоҳангсози давлатӣ барои иҷрои Конвенсияи Меъёрии СММ доир ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон ба шумор меравад.

<u>Воҳидҳои ин Сарраёсат намудҳои зерини мушоҳидаи системаи иқлимиро анҷом медиҳад:</u>

1. Метеорологӣ;
2. Агрометеорологӣ;
3. Аэрологӣ;
4. Актинометрӣ;
5. Гидрологӣ;
6. Дараҷаи олудагии муҳити табиӣ;
7. Навъҳои махсуси мушоҳида (пирях, сел, тарма ва ғайра).

Дар робита бо ҳамроҳ шудан ба Конвенсияи Меъёрӣ Сарраёсати обуҳовошиносӣ уҳдадор шудааст, то дар ҳамкорӣ бо мақомоти дигари давлатӣ ва созмонҳои таҳқиқотӣ дар самтҳои зерин фаъолият намояд;

омӯзиши тағйирёбии иқлим ва арзёбиҳои дурнамо;

таълифи Кадастри миллии партобҳои антропогенӣ аз манбаъҳо ва ҷазби ҳамагуна газҳои парникӣ тавассути ҷазбкунандаҳо;

ҷамъоварии маълумоти марбут ба арзёбии таъсирпазирӣ аз тағйири иқлим, индикаторҳои зуҳурот ва оқибати тағйироти иқлимӣ;

таҳия ва арзёбии самаранокии татбиқи тадбирҳои Нақшаи миллии фаъолият доир ба тағйирёбии иқлим, аз ҷумла стратегияи маҳдудсозии партобҳои газҳои парникӣ ва мутобиқсозӣ;

таҳия ва паҳнкунии маълумот дар бораи амалӣ кардани Конвенсияи Меъёрӣ;

ҳамкории байналмилалӣ бо Котиботи Конвенсияи Меъёрӣ, Гурӯҳи байниҳукумати коршиносони тағйири иқлим ва созмонҳои дахлдори дигар;

хадамоти ҳарбии зиддижола ҳифзи зироатҳо ва муассисаҳоро аз жолазанӣ, ки ба иқтисоди кишвар талафоти зиёд меоварад, анҷом медиҳад.

Рӯйхати вазорату идораҳое, ки ба системаи иқлимӣ таъсир мерасонанд инҳо мебошанд: Вазорати энергетика, Вазорати нақлиёт, Вазорати саноат, Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии заминсозӣ, Иттҳодияи истеҳсолии хоҷагии ҷангал. Сиёсат ва тадбирҳои назорати давлатӣ дар соҳахои дахлдор дар марҳалаи кунунӣ масъалаи тағйирёбии иқлимро, ки интегратсияи минбаъдаи сиёсат ва доираи масъулияти вазорату идораҳои мазкурро барои иҷрои самараноки ӯҳдадориҳо аз рӯи Конвенсияи Меъёрӣ талаб мекунанд, дар назар нагирифтаанд.

## 7.5. МЕЪЁРСОЗӢ ВА БАҲИСОБГИРИИ ПАРТОБҲО

Саноати Тоҷикистон аз 80 соҳа ва навъи истеҳсолот ва бештар аз 1300 корхона иборат аст. Илова бар ин зиёда аз 12 ҳазор муассисаву созмони кишоварзӣ вуҷуд доранд, ки дар қатори истеҳсолоти саноатӣ ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд.

Меъёрсозӣ ва баҳисобгирии партобҳо омили таъинкунанда дар коҳиши фишору таъсири антропогенӣ дар вазъи ҳавои атмосферӣ ва иқлим ба шумор меравад.

Муассисаҳои асосии металлургияи рангаи ҷумҳурӣ иборатанд аз: Корхонаи гидрометалругии Исфара, Комбинати маъдантозакунии Анзоб, Комбинати кӯрғошими Адрасмон, ИИ «Востокредмет», Корхонаи муштараки «Зарафшон», Корхонаи муштараки «Дарвоз» ва Заводи алюмини Тоҷикистон. Манбаъҳои асосии партобҳо ба атмосфера дар ин ҷо иборатанд аз истихроҷ, кашондан ва нигоҳдории ашёи хом ва ҳамчунин ҷараёнҳои технологӣ. Корхонаҳои металлургияи ранга ба сифати ҳаво ва умуман ба системаи иқлимӣ таъсири бештар мерасонанд.

Саноату масолеҳи сохтмонӣ, Корхонаи сементи Душанбе, Корхонаи конструксияҳои оҳану бетонӣ, моддаҳои ғайримаъдании оҳак, газ ва часпандаро, ки дар бисёр ноҳияҳои кишвар ҷойгир шудаанд, дар бар мегирад. Истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо партобҳои зарраҳои сахти ҳалнашуда, газҳои парникӣ ва ғайра ба ҳаво ҳамроҳ аст.

Саноати химияи ҷумҳурӣ Ширкати саҳомии «Азот» (Корхонаи нуриҳои азотии Вахш), ки аммиаку карбамид истеҳсол мекунад, Корхонаи коркарди нафти Исфара, Ширкати саҳомии «Тоҷиккимиёсаноат» (Комбинати химиявии Ёвон) махсуси истеҳсоли маҳсулоти хлордор, содаи каустӣ, оҳак ва ҳамчунин корхонаҳои дигарро дар бар мегирад. Партобҳои саноати химия ба ҳаво дар ҷараёни истеҳсоли кислотаҳо, пластмасса, нуриҳои минералӣ, оҳак, крекинги нафт ва ғайра сурат мегирад.

Усули меъёрӣ кардани партобҳо дар соҳаи саноат иҷозати мақоми махсуси ваколатдори ҳифзи табиат аст, ки барои 5 сол бо назардошти хусусияти истеҳсолот, таркиб ва шиддати партоб, вазъияти иқлимию ҷуғрофӣ ва маъмурӣ дода мешавад. Усули дигар пардохт барои партобу партобҳо ва ҷарима барои партобҳои бештар аз меъёр аст. Бештар аз 900 корхонаи асосӣ лоиҳаи ҳадди ниҳоии пароканишу партобро доранд. Вале бояд гуфт, ки партобҳои газҳои парникӣ ба меъёрҳои ҳадди ниҳоии партобҳо дохил нашудааст.

Баҳисобгирии партобҳои моддаҳои зарарнок ба атмосфера тавассути маъмурияти корхонаҳо, мақомоти маҳаллии ҳифзи табиат ва бозрасиҳои махсуси ҳифзи ҳавои атмосфераи вазорати ҳифзи табиат сурат мегирад. Ҳоло баҳисобгирии мунтазами партобҳои газҳои парникӣ аз манбаъҳои собиту доимӣ сурат намегирад.

Нақлиёти автомобилӣ яке аз манбаъҳои асосии олудагии ҳаво, алалхусус тавассути дуоксиди карбон ва оксидҳои нитроген ба шумор меравад. Қисми бештари нақлиёти автомобилии кишвар захираву имконоти истифодабарии худро сарф кардааст ки он ҳаҷми партобҳои потенсиалии зарарнокро хеле зиёд мекунад. Саҳми ками олудасозии ҳавои атмосферӣ дар Тоҷикистон ба нақлиёти роҳи оҳан ва ҳавоӣ рост меояд.

Меъёрсозии парканиши моддаҳои зарарнок аз нақлиёти шахсию инфиродӣ тавассути соҳибони ин василаҳои нақлиёт дар асоси меъёрҳои амалкунандаи пароканиш ва дар сатҳи корхонаҳо - тавассути маъмурияти корхонаҳо ва мақомоти ҳифзи табиат амалӣ мегардад. Бозрасии давлатии автомобилӣ якҷоя бо мақомоти ҳифзи табиат муоинаи интихобии дуду гази хуруҷии нақлиёти автомолиро дар шаҳрҳо гузаронда, барои танзими он дастуру пешниҳод медиҳанд (акси 6). Меъёрсозии партоби газҳои парникӣ дар бахши нақлиёт сурат намегирад.



6. Тафтиши консентратсияи моддаҳои зарарнок дар газҳои хуруҷии нақлиёти автомобилӣ.
Аксбардор: Н. Сафаров

Баҳисобгирии партоби моддаҳои зарарнок аз манбаҳои ҳаракаткунанда ба таври куллӣ дар асоси сарфи сузишворӣ анҷом мегирад. Вале баҳисобгирии мунтазами партоби газҳои парникӣ аз манбаҳои сайёру ҳаракаткунанда сурат намегирад.

Қубурҳои нафту газ низ ба сабаби номукамалии технологӣ ва вайроншавӣ манбаи пароканиши метан ба шумор мераванд, вале онҳо ҳоло аз тарафи мақомоти давлатии ҳифзи табиат ҳамчун манбаи олудагии ҳаво баррасӣ намегарданд.

Дар деҳот хоҷагиҳои чорводорию мурғпарварӣ, муассисаҳои техникаи кишоварзи, ба кор бурдани нуриҳои минералӣ ва пеститсидҳо дар кишвар манбаи олудагии ҳавои атмосферӣ ҳастанд.

Меъёрҳои пароканиш аз муассисаҳои кишоварзӣ амалан вуҷуд надорад, ҳарчанд ки саҳму ҳиссаи кишоварзӣ дар пароканиши метан ва оксиди нитроген, ки газҳои парникии ин соҳа ба шумор мераванд, зиёд аст.

Фонди ҷангали кишвар таҳти идораи Иттиҳодияи истеҳсолии хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Вале масъалаи баҳисобгирии партобҳои газҳои парникӣ аз сӯхтори ҷангал ва сӯхтани чӯбу ҳезум ҳал нашуда боқӣ мондааст.

Мақомоти Вазорати ҳифзи табиат ташкили партобҳои сахти маишӣ ва обҳои ифлосро ба ҳисоб мегиранд. Вале, миқдори партобҳои газҳои парникӣ дар доираи ин ҳисобу китоб баррасӣ намегардад.

## 7.6. АРЗЁБИИ ТАЪСИР БА МУҲИТИ ЗИСТ ВА ЭКСПЕРТИЗАИ ЭКОЛОГӢ

Арзёбии таъсир ба муҳити зист (АТМЗ) ва экспертизаи экологӣ унсурҳои ҷудоинопазири банақшагирӣ ва таҳияи ҳамагуна фаъолиятҳои иқтисодие ҳастанд, ки метавонанд ба таври мустақим ва ё ғайримустақим ба ҳолати захираҳои табиӣ ва саломатии аҳолӣ таъсир расонанд.

Арзёбии таъсир ба муҳити зист бо мақсади муайянкунӣ ва пешбинии натиҷаи дахолати инсон дар муҳити табиӣ ва ниҳоят барои таъсири муҳити табиӣ ба саломатии аҳолӣ анҷом дода мешавад. АТМЗ бо дарназардошти муҳити зисти маҳал ва ҳамаи омилҳои потенсиалии таъсири антропогенӣ ба комплекси табиӣ ва ҳамчунин оқибатҳои эҳтимолии экологӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ сурат мегирад.

АТМЗ тавассути мақомот ва ё гурӯҳҳои таҳқиқотие иҷро мешавад, ки дар ин соҳа таҷрибаи даркорӣ ва ихтисосмандии илмии тасдиқшуда доранд. Иштироки аҳли ҷам дар баррасии натиҷаҳои лоиҳа унсури муҳими ҷараёни банақшагирӣ маҳсуб мегардад.

Ҳуҷҷатҳои лоиҳаи АТМЗ иборатанд, аз:

1. Мақсад ва зарурати фаъолияти пешниҳодшаванда;
2. Роҳҳои иҷро, тавсифи умумии фаъолияти пешниҳодшаванда;
3. Алтернативаҳои мавҷуда, аз ҷумла вуҷуд надоштани онҳо;
4. Ҳисоботи муфассал дар бораи вазъияти муҳити зист;
5. Ҳисоботи муфассал дар бораи рушди иқтисодию иҷтимоӣ;
6. Навъу дараҷаи таъсир ба муҳити зист дар шароити иҷрои мӯътадили фаъолият ва дар сурати пеш омадани вазъияти фавқулодда;
7. Тағйироти имконпазир дар муҳити зист ва оқибатҳои иқтисодию иҷтимоии ин тағйирот;
8. Тадбирандешӣ барои коҳиш ва пешгирии таъсири манфӣ ба муҳити зист ва кам кардани хатари экологӣ;
9. Ахборот дар бораи камбудиҳои ҷойдошта дар маълумотҳо ва номуайяниҳое, ки дар ҷараёни гузаронидани АТМЗ ошкор шудааст.

Экспертизаи экологӣ арзёбии далелнокии илмӣ ва мутобиқати фаъолияти иқтисодии пешбинишударо бо талаботи меъёрҳои сифати муҳити табиӣ ва қонунҳои ҳифзи табиат амалӣ месозад.

Экспертизаи экологӣ дар асоси «Низомномаи экспертизаи давлатии экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с. 1994), ки мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи табиат» таҳия шудааст, анҷом дода мешавад. Хулосаи тафтиши махсуси экспертизаи давлатии экологӣ ҳатман бояд ба назар гирифта шавад.

Экспертизаи давлатии экологӣ:

дараҷаи таъсири комплексии фаъолияти пешбинишударо ба ҳолати муҳити зист ва саломатии аҳолӣ таҳлилу арзёбӣ мекунад;

пуррагӣ, маҷмуави ва босамар будани тадбирҳои пешбинишударо барои пешгирии вазъияти вайрониовар ва бартараф кардани оқибатҳои он муайян мекунад;

мувофиқ ва имконпазир будани фаъолияти иқтисодии банақшагирифташаванда ва фаъолиятҳои дигарро бо дар назардошти маҳдудиятҳои экологии ҳудуди мавриди баррасӣ арзёбӣ менамояд;

арзёбии экологию иҷтимоии афкори умумро дар бораи фаъолияти иқтисодии нақшавӣ таҳлил менамояд;

хулосаҳои объективӣ ва аз ҷиҳати илмӣ асосноки экспертизаи экологиро таҳия карда ва супоридани сари вақти онҳоро ба мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигаре, ки дар бораи иҷрои экспертиза тасмим мегиранд ва ҳамчунин огоҳсозии шахсони дахлдор, аҳли ҷамъият ва шаҳрвандонро таъмин менамояд.

<u>Экспертизаи экологӣ аз ҷумла инҳоро дар назар мегирад:</u>

манбаъҳои асосии олудагии ҳавои атмосферӣ;

сифати ҳавои атмосферӣ ва параметрҳои иқлимӣ;

хисороти эҳтимолӣ дар натиҷаи иҷрои навъи муайяни фаъолият;

омилҳои коҳишдиҳандаи шароити роҳати ҳаёти аҳолӣ;

таъсир ба иқлим ва сифати ҳавои атмосферӣ ба шумули пароканиш ва консентратсияи моддаҳои олудагиовар ва таъсири онҳо ба экосистема дар фосилаҳои гуногун аз манбаи пароканиш.

Экспертизаи экологӣ ҳамчунин шарҳи фаъолиятҳои пешбинишавандаи марбут ба пешгирӣ, бартафсозӣ, кам ва ҷуброн кардани таъсири манфӣ ба муҳити зистро дар мавридҳои зерин баррасӣ менамояд, аз ҷумла:

нақшаҳои минтақавии ҳифзи табиат;

ҳалу фаслҳои техникии бартарафсозии олудагии ҳаво, истифодаи дубораи энергияву захираҳо ва ғайра;

чораҳои ҷубронкунанда.

Номгӯи объектҳои мавриди экспертизаи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи «Низомномаи экспертизаи давлатии экологӣ», ки як санади амалкунанда мебошад, муайян мегардад.

Ба ин тариқ АТМЗ ва экспертизаи давлатии экологӣ барои кам кардани партоби газҳои парникӣ ва маҳдудсозии таъсири антропогенӣ ба экосистемаҳо воситаи муҳим ба шумор меравад. Ҳоло дар кишвар як қатор корхонаҳои саноатӣ аз АТМЗ ва экспертизаи экологӣ гузаштаанд, вале тадбирҳои марбут ба ҳифзи муҳити зист ва дастурҳои сохторҳои давлатии ҳифзи табиат ба сурати комилу пурра амалӣ намегардад.